Жола БАДЕЪ

# ГУЛИ ХУШБАХТӢ



Гули хушбахтии инсон ҳазорон рангу бӯ дорад,
Ва ҳар кас орзу дорад,
Ки он гулро шукуфотар ба бор орад.
Гули хушбахтӣ — ин ҷодуи розолуд,
Гаҳе гавҳар шавад дар қаъри дарьёҳо,
Гаҳе сайёраи дуре дар он боло,
Гаҳе дар зар падидор асту гоҳе дар ҳунармандӣ,
Гаҳе дар ишқи оташзо,
Гаҳе дар меҳри фарзандӣ,
Гаҳе гулбарги оромӣ шавад, гаҳ буттаи ғавғо...
Намегӯям фиребанда сароб аст он,
Биҳишти хуррами дуньёи хоб аст он,
Ки ин як рози нирӯбахши инсонист,
Ки моро медиҳад бо зиндагӣ пайванд
Ва дилро мекунад хурсанд.
Гули камьёби хушбахтӣ ҳазорон рангу рӯ дорад,
Ки тасвираш басе сахт аст,
Ҳар он кас дар даруни хештан
эҳсоси хушбахтӣ кунад,
инсони хушбахт аст.

# УҚОБИ ДАРЬЁӢ

Ту ҳар тулӯи саҳаргаҳ ба ёди ман ой...
На бодҳои биёбон, на мавҷи дарьё нест,
Ба беқарории ту, эй уқоби дарьёӣ.

Бароҳ ёфтани сарнавишти душворат,
Чи ошиқона ба ҳар сӯй мекунӣ парвоз,
Дилат чу шӯълаи оташ, лаби ту пуровоз.

Уқоби нағмасаро!
Ту нимашабҳо,
танҳо,
Дар он ҷазираи гулпӯш,
Рӯи он сахра,
Ки ҳам шудаст ба дарьё,
Чи мекунӣ оё!

Чу шомгоҳ шафақ мешавад тилоиранг,
Таронаҳои ту дар абрҳои норинҷӣ,
Бупечаду бихурӯшад чу раъд дар гӯшам.

Ва дур аз ту,
Шавам чу тундари тӯфанда ,гарчи хомӯшам,
Ман он чиро ,ки нагуфтам,
Ту бо тарона бигӯ,
Ҳадиси субҳи баҳорон дар ошьёна бигӯ.
Ду боли нуқраиатро бар абрҳо афшон,
Шукӯҳборон шав.

Бибор бар сару рӯи ҳар он ки ташналаб аст,
Ва чун сапедадамон,
Навиди нур биёвар ба ҳар куҷо, ки шаб аст.

Уқоби дарьёй!
Ту ҳамчу рӯҳи ҷавонони меҳанат мебош,
Умеди саркашу сарчашмаи тавоной.

# оини бихрадон

Барои писарам БЕЖАН.

Ҳанӯз сӣ нашуда, мӯи ту сапед шудаст,
Ба боғи тозабаҳорон шукуфа бишкуфта.
Ҷавонтарини ҷавонон!
Чӣ орзуҳое,
Ки барқ мезанад аз дидаи ту ногуфта,
Ба ҳеҷ рӯй нагӯям, ки рӯзи бад дидӣ,
Валек дарди замонро ту зуд ҳис кардӣ
Ва мушкилоти ҷаҳонро ту зуд фаҳмидӣ.
Гуноҳи ман буд оё!
Ки тухми он ҳама андеша коштам дар ту,
Ҳазор ҳисси пур аз реша коштам дар ту...
Ба ёд дорам як шаб—
Чунон зи марги паранда ба боғи қиссаи ман,
Ғамин шудӣ, ки зи чашми ту ашк ҷорӣ шуд
Ва ман зи мурғи хаёливу аз ту шарманда,
Туро ба сина фишурдам,
Чи бӯсаҳо, ки задам бар ту, то задӣ ханда...
Гузашт кӯдакиат дар ҳарири эҳсосот,
Кунун ту ҳастиву имрӯз ҳасту оянда,
Кунун туй ҳаёт.
Барои зиндагӣ — ин ҷанги тан ба тан бояд,
Чу қуллаҳои фалаксо субот дошт, субот,
На худсито шуду мағрур рӯзи хушбахтӣ,
На хор гашту парешон, чу рух диҳад сахтӣ...
Замона нози касеро намекашад доим,
Баланд мекунадат ,то бияфканад ба замин,
Сари замона кунӣ хам, чу пушт хам накунӣ,
Ситам набиниию бар ҳеҷ кас ситам накунӣ,
Ки бихрадони ҷаҳонро чунин бувад оин.



соати 19.30 — «Ҳоло ки ароба
ТЕАТРИ ДАВЛАТИИ РУССИИ
БА НОМИ В. МАЯКОВСКИЙ—
натвардаи халқ» (опера).
11—«Токисурхак». 19.30—«Лат-
(оперетта). 9 март — соати —
дег. 19.30 — «Мушк парроң